# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Нуров Сухроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои таърих, профессор Олимов М. (раиси комиссия), доктори илмҳои таърих, профессор Зикриёева М. (аъзо) ва доктори илмҳои таърих Ҳотамов Н.Б. (аъзо) диссертатсияи Нуров Сухроб Рустамовичро дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, хулосаи хешро ба тариқи зайл манзур менамоянд.

1. Диссертатсияи Нуров С.Р. ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳимми хусусияти таърихнигорӣ ва манбаъшиносидоштаи самти таърих бахшида шудааст. Муаллиф тавонистааст тавассути далелҳои муътамади илмӣ муҳиммияти мавзуи мавриди таҳқиқи хешро исбот намояд. Омӯзиш ва таҳқиқи таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев махсусан, дар самти пажуҳиши таърихнигорӣ сарфи назар аз мубрамии он то ҳанӯз мавриди таҳқиқоти илмии алоҳида ва ҷиддӣ, на аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва на аз ҷониби муҳаққиқони хориҷи кишвар, қарор нагирифтааст. Диссертатсия нишондиҳандаи он аст, ки муҳаққиқ барои ҳалли масоили дар пеш гузоштаи худ саъю талошҳои зиёд намуда, маводди мавҷуда ва дастрасро дар ин самт ҷиддан мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Вазифаҳо, ҳадафҳои таҳқиқот ва нуктаҳои асосие, ки муҳаққиқ онҳоро барои ҳимоя пешниҳод намудааст, возеҳ, равшан ва мушаххас мебошанд. Қабл аз ҳама ҳамин нуктаро бояд таъкид кард, ки дар кишвари мо чунин рисолаҳо бори аввал таҳия гардида, проблемаҳои вобаста ба масъалаи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар муқаддима муаллиф мубрамии мавзуи рисолаи диссертатсионӣ, сатҳи омӯзиши мавзуъ, ҳадафи таҳқиқ, объект, предмет, асосҳои назариявии таҳқиқот, нуктаҳои меҳварие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, сохтор ва тавсифи умумии кори таҳқиқотиро равшану возеҳ ёдовар шудааст, ки комиссия ба мазмуну муҳтавои онҳо комилан мувофиқ ҳастанд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро тариқи сохтори дуруст таҳия намуда, объект ва

мавзуи таҳқикро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар асоси навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ – таърихият онҳоро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф асосноку илмӣ мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусият, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи пешниҳодшуда бо шиносномаи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, №38 шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мувофиқ мебошад. Инчунин, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои муаллиф дар 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4-тои он дар маҷаллаҳои таҷризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводди чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 тахти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

5. Дар диссертатсияи Нуров С.Р. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи манбаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз ба расмият даровarда шудаанд, ки мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида нисбат ба корҳои илмӣ ва аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳанд.

6. Дар диссертатсия ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳоднамудаи Нуров Суҳроб Рустамович маълумоти ғайрисаҳҳеҳ ба назар намерасад.

Комиссияи экспертии диссертатсияи Нуров Сухроб Рустамовичро дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5 Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, баррасӣ намуда дар асоси талаботи банди 60-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, ки ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки бо рамзи ҳимоя, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва мақолаҳои таълифкардаашон ба ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– Муҳиддинов Сайдалӣ – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи ватанӣ ва умумии Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Русия;

– Сайнаков Сайнак Парпишоевич – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Олимов М.А.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Зикриёева М.Ф.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор,
сарходими илмии шуъбаи
таърихи навтарини Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши АМИТ — Ҳотамов Н.Б.

“21” 04 соли 2026